**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Султонзода Тоҷибой Султонӣ “Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ ва суннатҳои шарҳнависӣ бар «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ ба Шӯрои диссертатсионии 6Д. КОА-028 назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз рӯи ихтисоси «10.01.01 – Адабиёти тоҷик» пешниҳод шудааст**

Яке аз самтҳои асосии адабиётшиносии имрӯзи тоҷик омӯзиш ва пажӯҳиши шарҳнигории адабӣ, муайян кардани мақоми шурӯҳ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик ва рушди ҷаҳоншиносии адибони гузашта мебошад. Хоса, дар боби саҳми шореҳон ва нақши шарҳҳо дар кашфи маонии осори адабӣ, аз ҷумла шарҳи «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ба таври ҷудогона ва дар маҷмӯи куллии гузориши масъалаҳои таърихи адабиёт теъдоди зиёди китобу рисола ва мақолаҳо ба табъ расидаанд. Аз ҷумла, ин масъала дар таълифоти муҳаққиқони варзидаи ҷаҳониву ватанӣ Аннемари Шимел, Абдулбоқии Гулпинорлӣ, Франклин Д. Луис, Тавфиқ Субҳонӣ, Абдулманнони Насриддин ва дигарон бозгӯ шудаанд. Ба миён омадани чанд рисолаи номзадӣ оид ба ҷойгоҳи шарҳу шарҳнигорӣ дар адабиётшиносии тоҷик низ дар шинохти паҳлӯҳои мухталифи мавзӯъ арзишманд буда, мақоми ин навъ осорро дар ҷаҳоншиносии адибон равшан мекунанд.

Автореферати диссертатсияи муҳаққиқ Султонзода Тоҷибой Султонӣ таҳти унвони “Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ ва суннатҳои шарҳнависӣ бар “Маснавии маънавӣ”-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ ба Шӯрои диссертатсионии 6Д. КОА-028 назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик пешниҳод гардидааст, дар ин силсила мақоми назаррас дошта, ба масъалаҳои шарҳнигорӣ ва шарҳи “Маснавии маънавӣ”-и Ҷалолуддини Балхӣ бахшида шудааст.

Таҳқиқи мавзӯи мазкур аҳамияти хоси илмиву назарӣ дошта, ҳадафи аслии он муаррифии аввалин шарҳи “Маснавии маънавӣ” таҳти унвони “Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор”-и Камолуддини Ҳусайни Хоразмӣ ва муайян кардани арзишу вежагиҳо, таъсиру нуфуз ва ҷойгоҳи он дар ташаккули шарҳнигорӣ бар ин асари маъруфи Мавлоно мебошад. Муаллиф дар наздаш вазифа гузоштааст, ки бо омӯзишу пажӯҳиш ва муаррифии шарҳҳои асримиёнагии асари шуҳратманди Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ аз рӯи ҷуғрофияи интишори он махсусияти шарҳнигории аввалин шореҳ ва дараҷаи имконоти нахустин мактабҳои шарҳнигорӣ бар ин асар, заминаҳои ба вуҷуд омадани мактабҳои шарҳнигорӣ, арзиши шарҳҳо дар маърифати румузи “Маснавии маънавӣ”, арзиш ва қимати шурӯҳи кишварҳои Туркия, Эрон ва Ҳинд бар ин асар ва ғайраро муқаррар намояд. Аз ин ҷиҳат, диссертатсия дар шинохти хусусиятҳои шарҳҳо, мӯҳтавою мундариҷа, вежагиҳои адабӣ ва арзишҳои шарҳи нахустини “Маснавии маънавӣ” дастоварди назаррас мебошад.

Аз автореферати диссертатсия маълум мегардад, ки таҳқиқот аз муқаддима, чор боб, хулоса ва китобнома иборат аст. Боби аввал “Сайри таърихии шарҳнависӣ бар “Маснавии маънавӣ” ном дошта, дар он аввалин шореҳони “Маснавӣ” ва оғози шарҳнависӣ бар ин асар дар Мовароуннаҳру Хуросон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Диссертант кӯшидааст, ки бо муаррифии аввалин падидаҳои шарҳнависӣ бар “Маснавии маънавӣ” анвои шарҳҳоро бар ин асар низ бозгӯ намояд. Аз ин ҷиҳат масъалаи махсусияти аввалин шарҳҳои “Маснавӣ” ва таҳаввули афкори шореҳон дар робита бо ниёзҳои замон ба миён гузошта шудааст.

Боби дувум ба нақду таҳлили “Ҷавоҳир-ул-асрор”-и Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ бахшида шудааст. Дар фаслҳои аввал рӯзгору осор ва фаъолияти шоирии Камолуддини Ҳусайни Хоразмӣ мавриди гуфтугӯ қарор гирифта, сипас муаррифии нусхаҳои хаттии шарҳи Хоразмӣ ва сабабҳои интишори он, баррасии мақолоти даҳгонаи марбут ба ин шарҳ

ва иртиботи онҳо бо “Маснавии маънавӣ”, таъйини равишҳои шарҳи асар дар “Ҷавоҳир-ул-асрор” ва сарчашмаҳои он сурат гирифтааст.

Шарҳнависӣ бар “Маснавии маънавӣ” дар Шибҳи қораи Ҳинд мухтавои боби севуми диссертатсия ба шумор рафта, дар он ба нуктаҳое аз қабили пайвандҳои рӯҳонии Мавлоно бо қаламрави Ҳинд, фаъолияти шарҳнигории шореҳи маъруф Шайх Абдулатифи Аббосӣ, мухтассоти шарҳҳои “Мукошифоти разавӣ”-и Муҳаммадризои Лоҳурӣ, “Асрор-ул-ғуюб”-и Хоҷа Айюби Порсо ва шарҳи Валимуҳаммади Акбарободӣ таваҷҷӯҳ шудааст.

Боби чоруми диссертатсия ба тадқиқи махсусияти шарҳҳои туркии “Маснавӣ” дар Осиёи Сағир равона шудааст. Дисертант бо тадқиқи ин мавзӯъ ба хулосаҳои назарраси илмӣ расида, имкон ёфтааст, ки мақоми арзандаи Камолуддини Ҳусайни Хоразмиро дар ташаккули шарҳнависии форсу тоҷик ба таври равшан муқарар намояд. Ӯ мақоми шореҳро дар таърихи шарҳнигорӣ тавассути ҷустуҷӯҳои назариву таърихӣ муқаррар карда, бозёфтҳои ӯро дар ин самт бо мисолҳои мушаххасу назаррас мавриди баррасӣ қарор додааст.

Аз дисертатсияи Султонзода Тоҷибой Султонӣ бори аввал ба таври ҷудогона маълум мегардад, ки мактаби шарҳнигорӣ бар “Маснавии маънавӣ” дар садаи ХУ мелодӣ дар Мовароуннаҳр ба вуҷуд омада, сипас дар Эрон, Туркия ва Ҳиндустон ривоҷ ёфтааст. Муаллиф тавонистааст, ки дар заминаи иқтидори шарҳнигории Камолуддини Ҳусайни Хоразмӣ мақоми ӯро ҳамчун аввалин падидоварандаи шарҳи “Маснавӣ” намудор созад. Хулосаҳои диссетант низ аз заминаҳои қавӣ ва ва дараҷаи табаҳҳури муаллифи он гувоҳӣ медиҳад. Дар поён номгӯи зарурии феҳрасти адабиёт ҷой дода шудааст, ки ифодагари мазмуну мӯҳтавои диссертатсия мебошад.

Дар баробари дастоварди хуби илмӣ дар автореферати мазкур баъзе камбудиҳо ба назар расиданд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор аст:

1. Дар рӯйхати адабиёти истифодашуда номи Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ба ду шакл - “Балхӣ” ва “Румӣ” оварда шудааст. Беҳтар мебуд, ки дар ин маврид усули ягона ба кор гирифта мешуд.

2. Номи бархе аз китобҳо дар шакли кӯтоҳ оварда шудааст. Аз ҷумла “Маснавӣ” ба ҷойи “Маснавии маънавӣ”, “Ҷавоҳир-ул-асрор” ба ҷойи “Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор”, “Эҳёу улум” ба ҷойи “Эҳёу улум ад-дин” ва ғ.

Аммо, ин нукот ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши назариву амалии диссертатсияро кам намекунанд. Диссертант бо такя ба сарчашмаҳои муътамади илмӣ ба муҳокимаи густурда ва радду бадали муфассали ҷойгоҳи шарҳнигорӣ, хоса аввалин шарҳи арзишманди “Маснавии маънавӣ” имкон ба даст овардааст, ки таҳқиқоти муҳиме дар адабиётшиносии тоҷик ба вуҷуд орад.

Диссертатсияи доктории Султонзода Тоҷибой Султонӣ таҳти унвони “Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ ва суннатҳои шарҳнависӣ бар “Маснавии маънавӣ”-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ” ба талаботи таълифи диссертатсияҳои докторӣ мувофиқ буда, муаллиф шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик мебошад.

**Мудири кафедраи забон ва адабиёти**
**тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд,**
**доктори илмҳои филологӣ,**
**профессор** **Ҷумъақул Ҳамроев**

ning imzosini
tasdiqlayman
SamDU kadrlar
bo'limi boshlig'i